آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

12 июли соли 2025 Шанбе № 56 (15171)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ГАНҶИНАИ МЕРОСИ ИСЛОМӢ ДАР ЛОНДОН ПЕШ АЗ ОН, КИ БОЗГАРДОНИИ ТАЪРИХИИ ОНҲО БА ӮЗБЕКИСТОН БА ВУҚӮЪ ОЯД, МУАРРИФӢ КАРДА ШУД

***Дар Лондон ҳодисаи муҳими фарҳангӣ баргузор гардид, бори аввал дар Британияи Кабир маҷмӯи нодири ҳуҷҷатҳои ноёб ва ашёи атиқии қарни тиллоии тамаддуни исломӣ вобаста ба таърихи Ӯзбекистон муаррифӣ карда шуданд.***

Ин осор, ки даҳсолаҳо дар коллексияҳои хусусӣ ва осорхонаҳо нигаҳдорӣ мешуданд, ба ин зудӣ ба ватани худ бозгардонда мешаванд.

Намоишгоҳҳое, ки дар хонаҳои машҳури музоядаи «Sotheby`s» ва «Christi`s» ташкил карда шуданд, як қисми лоиҳаи васеъмиқёс бобати ташкил намудани Маркази тамаддуни исломӣ дар Тошканд гардиданд, ки бо ташаббуси Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев аз минбари Ассамблеяи Генералии СММ соли 2017-ум эълон шуда буд. Солҳои охир коршиносони миллӣ ва байналмиллӣ бобати ҷустуҷӯ ва дарёфти мероси гумшудаи фарҳангӣ корҳои васеъмиқёси тадқиқотӣ мебаранд.

Як қисми ганҷинаҳои бозгардонидашуда бори аввал ба ҷомеаи байналхалқӣ дар ду намоишгоҳи воқеъ дар Лондон барои олимон, коршиносон, коргузорон, мутахассисон ва коллексионерҳои осорхонавӣ намоиш дода шуда буданд. «Президенти Ӯзбекистон нафақат ташкил кард, балки шахсан ба созмон додани платформаи бузургтарини фарҳангиву маърифатӣ – Маркази тамаддуни исломӣ роҳбарӣ мекунад. Ба ватан баргардондани ганҷинаҳои таърихӣ ва маънавӣ як қисми ин лоиҳаи бузург ва супориши бевоситаи роҳбари давлат мебошад, ки мо бо дарки амиқи моҳияти он иҷро мекунем. Ин нафақат бозгардондани осори таърихист, балки бозгардондани хотирот, махсусият ва эътирофи равшани Ӯзбекистон ба сифати муҳофизи мероси исломӣ мебошад», таъкид кард дар маросими кушоиши намоишгоҳ директори генералии Маркази тамаддуни исломӣ Фирдавс Абдухоликов.

Дар байни осори қадима ҷузвҳои манускриптҳои қуръонии асри IX, миниатюраҳо, маснуоти заргарӣ, асбобҳои маишӣ, бофандагӣ ва санъати замонҳоест, ки Ӯзбекистонро ба сифати яке аз марказҳои зеҳнии ҷаҳон муаррифӣ мекунанд.

«Ин намоишгоҳҳо, ки бо ташаббуси шахсии Президенти Ӯзбекистон татбиқ мегарданд, ҳодисаи муҳими сиёсӣ мебошанд, ки ба рӯҳбаландсозии насли нав нигаронида шудаанд. Чунин иқдоми амалӣ бобати бозгардонии меросамон метавонанд боиси ба миқёси бузургтар эҳё гардидани фарҳанг шаванд», гуфт директори Бунёди британиёии «Ал-Фурқон» Сали Шахсиворӣ.

Осоре, ки дар чорабиниҳо муарриф шуданд аз ҷониби Маркази тамаддуни исломӣ дар савдои хонаҳои машҳури музоядаи «Sotheby`s» ва «Christi`s» соли 2025-ум харид шуда буданд.

Намояндаи хонаи савдои «Sotheby`s» Бенедикт Картер таъкид кард: «Барои мо ҳамкорӣ бо Маркази тамаддуни исломии Ӯзбекистон шарафи бузург аст. Мо барои он ки ба бозгардонии мероси қадима, ки барои таърихи Осиёи Марказӣ аҳамияти фавқулодда доранд, кумак мерасонем, хеле хурсандем».

Маркази тамаддуни исломӣ дар ҳудуди беш аз 10 гектар замини маркази Тошканд ҷойгир буда, майдони намоишгоҳии он зиёда аз 8000 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Ба сохтори марказ панҷ долони мавзӯӣ – «Толори Қуръон», «Мероси тоисломӣ», «Эҳёи Якум ва Дуюм», «Ӯзбекистони Нав» дохил мешаванд.

Алҳол Ӯзбекистон ба эҳё кардан ва ҳифз намудани ин мерос, аз ҷумла аз тарафи ташаббусҳое чун таъсис додани Маркази тамаддуни исломӣ дар Тошканд, ки ба наздикӣ ҳамчун минои дониш ва мулоқоти байнидинӣ дарҳои худро боз мекунад, саъю кӯшиши бузург менамояд. Ин саъю кӯшиши нави кишвари моро барои дарк намудан ва ошкоро паҳн кардани махсусияти таърихии худ ифода менамояд», таъкид кард сафири Ӯзбекистон Равшан Усмонов.

Намоишгоҳҳо дар Лондон нафақат воқеаи муҳими фарҳангӣ, балки боз ҳуҷҷати барқарор гардидани адолати таърихӣ шуданд. Осори атиқаи пешниҳодшуда нақши махсуси таърихии Ӯзбекистонро ҳамчун маркази зеҳнии олами ислом тасдиқ мекунад ва қадами навбатии Ӯзбекистони Нав бобати ҳифз кардан, омӯхтан ва оммавӣ гардондани мероси фарҳангиву таърихии Ӯзбекистон аст.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри ЛОНДОН.*

## КОРХОНАИ НАМАКИ МӮЙНОҚ ИСТЕҲСОЛОТРО ЗИЁД МЕКУНАД

*Дар корхонаи «Намакҳои минералии Мӯйноқ»-и ноҳияи Мӯйноқи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон моҳе 2,8-3 ҳазор тонна намак истеҳсол карда мешавад.*

*Дар корхонаи мазкур, ки аз соли 2019 фаъолияти мустақим дорад, технологияҳои замонавитарин гузошта шудаанд ва беш аз сад нафар кор мекунанд.*

*Маҳсулоти корхона ғайр аз бозори дохилӣ ба Гурҷистон, Афғонистон, Қазоқистон содир карда мешаванд. Ҳоли ҳозир дар ноҳияи Қунғирот корҳо бобати кушодани филиали корхонаи мазкур анҷом меёбанд.*



***Дар сурат:*** *дар корхонаи «Намакҳои минералии Мӯйноқ»-и ноҳияи Мӯйноқи Ҷумҳурии Қароқалпоқистон.*

***Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ӮзА).***

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

## ДАР БОРАИ ТАЙЁРӢ ВА БАРГУЗОР КАРДАНИ ҶАШНИ СИЮ ЧАҲОРУМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

Дар ҷаҳон озодӣ ва истиқлоли миллии ҳама гуна давлат пойдевори муътамади сиёсӣ ва иҷтимоӣ, манбаи нирӯ ва қудрат ба шумор меравад, ки ба сифати дарёфти мақоми ҳуқуқи сазовори субъекти байналхалқӣ дар ҷомеаи ҷаҳон, таъмин намудани ҳаёти осудаву фаровони халқ, манфиатҳои муҳимтарини он хидмат мекунад.

Истиқлолияти миллии мо, ки 31 августи соли 1991 ба шарофати ирода ва қатъияти қатъии халқи ҷасурамон эълон гардида буд, бидуни шубҳа, дар шароити кунунии таърихӣ, ҳангоме ки тамоми ислоҳоти мо дар роҳи бунёди Ӯзбекистони Нав ба давраи ҳалкунанда ворид мегарданд, аҳамияти бағоят муҳим касб менамояд.

Маҳз истиқлол, ки дар худ тамоми кафолатҳои сиёсиву ҳуқуқиро таҷассум намудааст, ба сифати такягоҳи мустаҳкам дар татбиқсозии Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030», дар ҷомеа мустаҳкам намудани муҳити сулҳу салоҳ, дӯстӣ ва ҳамдилӣ, таъмин сохтани ҳуқуқ ва манфиат, шаъну шарафи инсон, рушди минбаъдаи робитаҳои некҳамсоягӣ дар минтақа, ҳамкории фаъол бо кишварҳои ҷаҳон, боло бурдани нуфузи Ватани мо дар миқёси байналхалқӣ хидмат мекунад.

Бо дар назардошти ин аҳамияти бузурги истиқлолияти мамлакат, ба мақсади ҳамаҷонибаву сазоворона ва дар сатҳи олӣ таҷлил намудани санаи пуршараф – сию чаҳорумин солгарди истиқлолияти миллӣ мувофиқи дараҷаи рушди Ӯзбекистони Нав, обрӯйи он дар арсаи ҷаҳонӣ **қарор мекунам**:

**1.** Консепсияи ғоявию бадеии чорабиниҳои ҷашнӣ бахшида ба сию чаҳорумин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (минбаъд – Консепсия), ки ғояи неки **«Барои Ватан, барои миллат, барои халқ!»**-ро таҷассум намуда, аз ҷониби Вазорати фарҳанг, Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ, Иттиҳоди нависандагон, Оҷонсии оид ба корҳои ҷавонон коркард шудааст, мувофиқи замимаи №1 маъқул дониста шавад.

**2.** Доир ба тайёрӣ ва баргузор кардани ҷашни сию чаҳорумин солгарди истиқлолияти давлатӣ Комиссияи ҷумҳуриявии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (минбаъд – Комиссияи ҷумҳуриявӣ) ташкил ва ҳайати он мувофиқи замимаи №2 тасдиқ карда шавад.

**3.** Ба Комиссияи ҷумҳуриявӣ (А. Арипов) супурда шавад, ки:

а) ба мақсади таъмин намудани ҷашни сазоворонаи сию чаҳорумин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон (минбаъд – Ҷашни истиқлолият) дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, маркази вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, ҳамчунин дар тамоми шаҳрҳо ва ноҳияҳо, деҳот ва овулҳо коркарду иҷрои барномаи дахлдори чорабиниҳоро бо дарназардошти моҳият ва самти асосии Консепсия таъмин намояд;

б) барои дар маҳалҳо самарабахш гузаронидани конфронсҳои маънавию маърифатӣ, мулоқот ва суҳбатҳои ошкоро, шабнишиниҳои адабиву бадеӣ, рӯзҳои киноии миллӣ, сайрҳои умумихалқӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзишӣ бахшида ба моҳияти Ҷашни истиқлолият дар рушди мамлакат ва таъмин намудани некӯҳолии халқ гурӯҳҳои тарғиботӣ аз ҷумлаи арбобони шинохтаи илм, фарҳанг ва санъат, кормандони эҷодӣ, варзишгарон, намояндагони ҷомеаҳо таъсис дода, ҳамчунин барои ба амал татбиқ намудани фаъолияти онҳо дар пояи нақшаи муайян шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шаванд;

в) дар ҷамъомадҳои Комиссияи ҷумҳуриявӣ ҳисоботи роҳбарони ҳар кадом минтақа, вазорат ва идораҳо бобати татбиқ сохтани чораҳои дар ин самт пешбинишуда мунтазам шунида шаванд.

**4.** Барои тайёр намудани барномаҳои асосии чорабиниҳои ҷашнӣ дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд гурӯҳҳои эҷодӣ аз ҷумлаи коргардон ва таҳиягарон, нависандагону шоирон, оҳангсозону устодони балет, рассомони саҳнаҳо, иҷрогарони ҷавони боистеъдод, намояндагони санаъатҳои мақом ва бахшигӣ, ки маҳорат ва таҷрибаи баланди касбӣ доранд, васеъ ҷалб карда шаванд.

**5.** Ҳангоми татбиқсозии чорабиниҳои бахшида ба Ҷашни истиқлол ба самтҳои бартариноки зерин эътибори махсус дода шавад:

а) тағйироти куллии симои ҷамъиятиву сиёсии ҷомеаи мо ба шарофати ислоҳоти васеъмиқёс бобати бунёди Ӯзбекистони Нав, ки ҳашт сол муқаддам оғоз гардида буд;

б) бори аввал дар таърих тӯли даврони кӯтоҳ бинобар натиҷаи рушди босуръати иқтисодиёти мамлакат муваффақ шудан ба ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилии зиёда аз 110 миллиард доллари ИМА, татбиқ намудани барнома ва лоиҳаҳои бузург бинобар гузаштан ба иқтисодиёти сабз ва инноватсионӣ, таъсис додани манбаъҳои муқобили энергия;

в) мувофиқи Сарқонуни нав истиқрори Ӯзбекистон ба сифати давлати иҷтимоӣ, ки дар он шаъну шараф, ҳуқуқ ва манфитаҳои инсон болост, муваффақ шудан ба натиҷаҳои назарраси сифатӣ дар татбиқсозии барномаҳои давлатӣ бинобар таъмин намудани шуғл, зиёд кардани миқдори ҷойҳои замонавии кор, коҳиш додани нодорӣ, дастгирӣ намудани табақаи шаҳрвандони ба кумак муҳтоҷ;

г) тағйироти дар таърихи мо диданашуда дар соҳаи таълим, ки ба шарофати ислоҳот ба даст омадаанд, афзоиши фарогирӣ дар низоми таълими томактабӣ аз 27 фоизи соли 2017 то ба 77 фоизи кунунӣ, дар таълими олӣ аз 9 то ба 42 фоиз, дар мамлакат ташаккул додани низоми шаклҳои нави мактаб – мактабҳои эҷодӣ, махсус ва президентӣ;

д) эътибори бузург ба рушди соҳаҳои нигаҳдории тандурустӣ, илм, IT, фарҳанг, адабиёт ва санъат, ҳамчунин ба он, ки бори аввал варзишгарони мо ба сафи понздаҳ дастаи пурзӯртарини Олимпиадаи Париж ва паралимпиада ворид шуданд, ҳамчунин бори аввал дар таърихи Ӯзбекистон дастаи яккачини ҷавонони то синни 17 оид ба футбол, дастаи мунтахаби миллӣ оид ба футбол ба чемпионати ҷаҳон роҳхат гирифтанд;

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## МИНТАҚАИ НАВИ САЙЁҲӢ

***Дар ҷараёни сафар ба минтақаҳо, роҳбари давлат ҳамеша иқтидори бузурги сайёҳии вилояти Қашқадарё ва зарурати аз он самарабахш истифода бурданро таъкид мекунад. Дар натиҷаи амалан татбиқ намудани як қатор лоиҳаҳои ояндадори сайёҳӣ ва роҳҳои нави туристӣ, шумораи сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ, ки ба вилоят меоянд, мунтазам афзоиш меёбад.***

Натиҷаи ин корҳо таъсис ёфтани Маркази сайёҳии «Миракӣ» дар ноҳияи Шаҳрисабз ва иҷрои як қатор лоиҳаҳои сайёҳӣ дар деҳаҳои Қайнар ва Башири ноҳияи Китоб мебошад.

Лоиҳаи навбатӣ — таъсис додани минтақаи туристӣ-рекреатсионӣ дар пойгоҳи ҳудуди расадхонаи Майданак дар ноҳияи Қамашӣ ва курорти байналмилалии чаҳор фасл аст. Ин лоиҳаи калон мутобиқи қарори роҳбари давлат аз 28 ноябри соли 2023 амалӣ мегардад.

Дар ин ҳудуд меҳмонхонаи замонавӣ, иншооти тиҷоратӣ, фароғатӣ, фарҳангӣ-шуғлӣ, расадхона, планетарӣ, осорхонаи астрономӣ, майдони мушоҳидавӣ сохта мешаванд, инчунин минтақаҳо барои лижаронии кӯҳӣ ва намудҳои варзиши экстремалӣ ташкил мегарданд.

Алҳол кор дар иншооте, ки дар баландии 2 ҳазору 700 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст, фаъолона идома дорад.

– Имсол 10 хонаи яккабата ва 10 хонаи дуқабата барои истироҳат дар услуби шале ва як ресторан сохта мешаванд, – гуфт менеҷери лоиҳа Севдор Набиҷонов. – Ҳоло корҳои заминӣ ва васлу насби қисмҳои чӯбии шале идома доранд. Ҳангоми кашидани роҳҳо аз граниti маҳаллӣ истифода мекунем. Дар ин ҷо ду бинои дорои телескоп мавҷуд аст, ки барои таҷдид пешбинӣ шудаанд. Ҳамзамон, ба таври таҷриба шинонидани дарахтони ба иқлими сард мутобиқшударо оғоз кардем. Нақша дорем, ки қисми аввали корҳои сохтмонро то моҳи октябри соли ҷорӣ анҷом диҳем.

Дар ноҳияи Қамашӣ барои рушди минбаъдаи эко-туризм, сайёҳии зиёратӣ ва гастрономӣ иқтидори бузург мавҷуд аст. Соли 2024 1,5 ҳазор сайёҳи хориҷӣ ва 24 ҳазор сайёҳи дохилӣ ба вилоят ташриф оварданд.

Интизор меравад, ки баъди ба фаъолият оғоз кардани чунин масирҳои баландкӯҳӣ, мисли Майданак, шумораи сайёҳони хориҷӣ аз 10 ҳазор ва сайёҳони дохилӣ аз 54 ҳазор гузарад. Пешбинӣ шудааст, ки солҳои оянда ин нишондиҳанда ба 150 ҳазор расонда шавад.

– Расадхонаи Майданак соли 1970 сохта шуда буд, – гуфт муовини ҳокими ноҳия Ҷасур Норқобилов. – Ҳоло мақсад дорем ин ҳудудро ба минтақаи туристӣ табдил диҳем. Мутобиқи қарори сарвари давлат, сохтмон таҳти роҳбарии Агентии идоракунии активҳои давлатӣ бо маблағҳои «Туронбанк» оғоз гардидааст.

Табиати ин макон хеле зебо ва назарабост. Майдони беш аз 9 ҳазор гектарро арчаи зарафшонии кӯҳистонӣ фаро гирифтааст. Аз 58 гектар замин, 14,75 гектар барои 21 лот ҷудо шудааст. Айни замон кор дар 6 лот ҷараён дорад. Қисми боқимонда ба таври марҳилавӣ ба музояда барои соҳибкорон гузошта мешавад.

Дар кишвари мо чунин гӯшаҳои зебо зиёданд. Татбиқ кардани лоиҳаҳои сайёҳӣ бо истифодаи оқилонаи имкониятҳо ба баланд шудани самаранокии иқтисодӣ ва таъсисёбии ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад.

**Ӯлмас БАРОТОВ,**
**хабарнигори ӮзА.**

*Муносибат*

## ТАШАББУСҲОИ МУҲИМ БА ОЯНДАИ ДУРАХШОНИ ҶАВОНОН ХИДМАТ МЕКУНАНД

***Файласуфон ҳикмате доранд: «Агар кишвар бихоҳад як сол рушд кунад, бояд гандум бикорад; агар бихоҳад даҳ сол рушд кунад, бояд дарахт нишонад, вале агар бихоҳад сад сол пешрафт намояд, бояд ҷавонони худро ба камол расонад ва ба таълиму тарбияи онҳо эътибори ҷиддӣ диҳад».***

Мо ин гуфтаҳоро дар оғози мақола бесабаб наовардем. Тавре дарк кардед, дар кишваре, ки эътибор ба ҷавонон баланд аст, ояндаи он кишвар бузург ва қавӣ хоҳад буд.

Зикр кардан ҷоиз аст, ки сиёсати ҷавонон, ки бо ташаббуси роҳбари кишвари мо амалӣ шуда истодааст, аз он ҷиҳат аҳамиятнок аст, на танҳо бар арзишҳои миллӣ, балки бар арзишҳои умумибашарӣ асос ёфтааст, тағйирнопазир мебошад ва ба дурнамои дарозмуддат нигаронида шудааст. Агар гӯем, ки мафҳуми тамоюли «Ӯзбекистон — давлати иҷтимоӣ», ки дар Конститутсияи нав зикр шудааст, низ ҳамин аст, хато нахоҳем кард. Дар асл, суботи иҷтимоии кишвар ба якчанд омил вобаста аст: ҳимояи иҷтимоии пурқувват, ки ба тамоми қишрҳои ҷавонон равона шудааст, дастгирии иқдомҳои онҳо ва фароҳам овардани шароитҳои лозимӣ барои кашфи иқтидори онҳо. Аз ин ҷиҳат, сиёсати давлатии ҷавонон, ки имрӯз дар Ӯзбекистон роҳандозӣ мешавад, маҳз дар ҳамин самт ривоҷ меёбад ва сазовори тавсиф ҳаст.

Агар сиёсати давлатҳоро дар ҷаҳон бинобар самти ҷавонон таҳлил кунем, мебинем, ки пеш аз ҳама таълиму тарбия, омӯзиши касбу ҳунар, таъмин кардани шуғли онҳо, ташвиқи тарзи ҳаёти солим ва ташаккул додани малака ва фаҳмишҳои муҳимтарини ҳаётӣ самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб мераванд.

Аз ҳамин лиҳоз, дар ташаккул додани мувозинати тақрибан 9,1 миллион нафар ҷавонони синнашон аз 14 то 30 сола, маҳз ҳамин омилҳо ба назар гирифта шуданд. Хусусан, маълумот дар панҷ самт — шуғл, фарогирии таълим, вазъи оилавӣ ва иҷтимоӣ, инчунин саломатии ҷавонон ҷамъоварӣ ва кор бо ҷавонон бар ҳамин асос ташкил шудааст.

Дар асоси қарори Президенти кишвар «Дар бораи тадбирҳои куллан такмил додани низоми кор бо ҷавонон дар маҳаллаҳо» фаъолияти пешвоёни ҷавонон дар ҳар як маҳалла ба роҳ монда, низоми амудии нави кор бо ҷавонон офарида шуд. Дар натиҷа, муҳлати баррасии муроҷиатҳои ҷавонон аз 30 ба 5 рӯз ва муҳлати расонидани ёрдам аз 40 ба 16 рӯз кӯтоҳ гардид. Шумораи намуди кумакҳое, ки бо тавсияи роҳбарон расонида мешаванд, аз 11 то ба 25 адад расонида шуд. Аз ҷониби пешвоён «Мувозинати ҷавонон», ки 9,1 миллион нафар ҷавонони 14–30 соларо дар бар мегирад, таҳия гардид.

**(Давомаш дар саҳ.2).**



*Дар хоҷагии фермерии серсоҳаи «Турғунбой Ҷӯрабой Мунаввар»-и ноҳияи Чортоқи вилояти Намангон баробари парвариши пахта ва ғалла паррандапарварӣ низ ба роҳ монда шудааст.*

*Алҳол дар хоҷагӣ 20 ҳазор чӯҷа парвариш карда мешавад. Маълум аст, ки чӯҷаҳо дар тӯли 40 рӯз расида, ба ҳисоби миёна 4,5-5 килограмм вазн пайдо мекунанд. Ҳоли ҳозир як килои ин маҳсулот дар бозорҳои маҳаллӣ 25 ҳазор сӯм баҳо дорад.*

*Роҳбари хоҷагии фермерӣ Ҳусанбой Усмонов мегӯяд, ки аз паррандапарварӣ соле 300-400 миллион сӯмина даромад ба даст меояд.*

***Дар сурат:** дар хоҷагии серсоҳаи фермерии «Турғунбой Ҷӯрабой Мунаввар»-и ноҳияи Чортоқи вилояти Намангон 20 ҳазор чӯҷа парвариш карда мешавад.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

# ДАР БОРАИ ТАЙЁРӢ ВА БАРГУЗОР КАРДАНИ ҶАШНИ СИЮ ЧАҲОРУМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

е) таҳти шиори **«Ҷавонон – офарандагони Ўзбекистони Нав»** фароҳам овардани шароитҳои ҳамаҷониба мусоид барои омӯхтани дониш ва касбҳои замонавӣ, забонҳои хориҷӣ, баробари забони модарӣ, технологияҳои IT, татбиқ намудани фаъолияти соҳибкорӣ, зоҳир кардани истеъдод ва иқтидор, ҳамчунин комёбиҳои аввалини муассири писарону духтарони мо дар соҳаҳои гуногун;

ж) нишон додани бунёдкориҳо бо суръати баланд дар шаҳр ва деҳоти мо тӯли солҳои охир, бунёди мавзеъҳои истиқоматии Ўзбекистони Нав, татбиқ гардидани корҳои азим дар доираи барномаҳои «Деҳоти обод», «Маҳаллаи обод», сохтмони шаҳрҳои нав дар пояи модели смарт – ва шаҳрсозии инноватсионӣ, инкишоф ёфтани шабакаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ;

з) таъминсозии муҳити сулҳу салоҳ, дӯстии тарафайн ва ҳамдилӣ – сарвати бебаҳои ҷомеаи сермиллат ва серэътиқоди мо, моҳияти ҳифз кардан ва мустаҳкам намудани он ҳамчун вазифаи муқаддаси умумии мо;

и) дар пояи раванди **«Артиш ва халқ ягонаанд!»** татбиқ сохтани корҳо бобати баланд бардоштани иқтидори ҳарбии Нерӯҳои Мусаллаҳ, пурзӯр намудани тайёрии ҷисмонӣ, ахлоқиву маънавии аскар ва афсарони ҷасуру шуҷоъ, тарбияи ҷавонон дар рӯҳи ватандӯстӣ;

к) баланд бардоштан ва ба дараҷаи нав боло бурдани нақш ва мақоми Ўзбекистон дар таҳкими ҳамсоягии нек, ҳамкорӣ ва пурзӯр кардани равандҳои қаробат дар минтақаи Осиёи Марказӣ;

л) баланд бардоштани нуфузи Ўзбекистони Нав дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати рӯшод, демократӣ ва дунявӣ.

**6.** Ба Вазорати фарҳанг (О. Назарбеков) супурда шавад, ки:

а) якҷо бо Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ, Иттиҳоди нависандагон дар муҳлати як ҳафта дар пояи Консепсия кор карда баромадани барнома ва сенарияи чорабиниҳои асосии ҷашнӣ дар шаҳри Тошканд бахшида ба Ҷашни истиқлолият, ҳамчунин андешидани чораҳо бинобар дар сатҳи баланди ғоявию бадеӣ тайёр кардани он;

б) якҷо бо Академияи бадеӣ, Иттиҳоди нависандагон, Иттиҳоди журналистон таъминсозии дар сатҳи баланд тайёр кардан ва гузарондани озмунҳои анъанавии **«Симои Ватан аз нигоҳи рассом», «Барои Ватан зиндагӣ кунем!», «Аз ҳама бузург, аз ҳама азиз»;**

в) якҷо бо Иттиҳоди оҳангсозон ва бастакорон, Иттиҳоди нависандагон гузаронидани давраи ниҳоии озмунҳо **барои суруд ва асарҳои беҳтарини мусиқӣ**, ки истиқлолияти мамлакатро васф мекунанд;

г) эълон кардани номи ғолибон ва ҷоизадорони ин озмунҳо ва дар вазъи мутантан баргузор намудани мукофотонидани онҳо дар арафаи Ҷашни истиқлол.

**7.** Муқаррар карда шавад, ки чорабиниҳои ҷашнӣ аз ҷониби инҳо бо маблағ таъмин карда мешаванд.

а) дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо аз ҳисоби манбаъҳои иловагии буҷаҳои дахлдори маҳаллӣ, ҳамчунин хайрияҳои ашхоси ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ дар пояи ихтиёрӣ;

б) дар шаҳри Тошканд дар саҳми баробар аз ҳисоби маблағҳои буҷаи ҷумҳуриявии Ҷумҳурии Ўзбекистон ва буҷаи маҳаллии шаҳри Тошканд мувофиқи сметаи хароҷоте, ки Комиссияи ҷумҳуриявӣ тасдиқ кардааст.

**8.** Ба Ширкати телевизион ва радиои миллии Ўзбекистон, Оҷонсии миллии иттилоотии Ўзбекистон, Оҷонсии иттилоотии «Дунё» ва дигар расонаҳои ахбори оммавӣ тавсия дода шавад, ки корҳои вобаста ба тайёрӣ ва гузаронидани Ҷашни истиқлолиятро васеъ равшан намоянд.

**9.** Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А. Н. Арипов ва роҳбари Департаменти рушди иҷтимоии Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон О. К. Абдураҳмонов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*шаҳри ТОШКАНД,*
*10 июли соли 2025.*

# ТАШАББУСҲОИ МУҲИМ БА ОЯНДАИ ДУРАХШОНИ ҶАВОНОН ХИДМАТ МЕКУНАНД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Имрӯз дар маҳаллаҳо вазифаи пешвои ҷавонон ҷорӣ гардида, аксарияти нафароне, ки ба ин вазифа интихоб шудаанд, таҷрибаи аз 1 то 10-сола дар соҳаи кор бо ҷавонон доранд. 85 фоизи пешвоён маълумоти олӣ доранд. Вазифаи асосии пешвоёни ҷавонон мусоидат ба таъмини шуғли ҷавонон дар маҳал, равона кардани онҳо ба омӯзиши касбу ҳунар, ташкили босамари вақти холӣ, дастгирии иҷтимоии ҳамаҷониба ва дар натиҷа пешгирии ҷинояткорӣ мебошад. Низоми корбарӣ дар асоси «ёшбай», ки дар маҳаллаҳо ба роҳ монда шудааст, самараи худро нишон дода истодааст.

Дарвоқеъ, якчандин сол боз дар кишвари мо 30 июн ҳамчун Рӯзи ҷавонон васеъ таҷлил карда мешавад. Ба муносибати ин сана, Президенти мо Шавкат Мирзиёев бо ҷавонон вохӯрӣ мегузаронад, ҷавонони Ўзбекистонро бо ин ҷашни муборак табрик гуфта, муҳаббат ва эътимоди худро ба онҳо изҳор менамояд. Имсол ҳам ҳамин тавр шуд. Роҳбари давлатамон бо ҷавонон мулоқот кард ва фикру андешаҳои онҳоро шунид.

Тавре таъкид шуд, шароите, ки барои ҷавонон дар кишварамон фароҳам оварда шудааст, натиҷаҳои мушаххас медиҳад. Соли гузашта ҷавонони кишвари мо дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ аз рӯи нишондиҳандаи дохил шудан ба донишгоҳҳои «ТОП-500» мақоми аввалро ишғол карданд.

Имрӯз 30 нафар ҷавонони мо дар донишгоҳҳое таҳсил мекунанд, ки ба «ТОП-10»-и ҷаҳон дохил мешаванд, 500 нафар дар «ТОП-100» ва 1 ҳазору 500 нафар дар «ТОП-300» ҷойгиранд.

Хусусан, ҳамватанони мо дар соҳаҳои санъат ва варзиш низ ба дастовардҳои бузург ноил мешаванд. Ба қарибӣ, дастаи миллии футболи мо бори аввал дар таърих роҳхати иштирок дар чемпионати ҷаҳонро ба даст овард, ки ин воқеан як рӯйдоди таърихист.

Тавре Президенти мо таъкид намуд, агар Эҳёи аввал ва дуюмро алломаҳо ва мутафаккирони бузурги мо офарида бошанд, имрӯз таърих навбатро ба ҷавонони мо дода истодааст. Ҷавонон — бунёдгарони Ўзбекистони Нав мебошанд ва онҳо насли тиллоие ҳастанд, ки таърихи навро хоҳанд офарид.

Имрӯз масъалаи фароҳам овардани таълиму тарбияи босифат барои ҷавонон, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, азхуд кардани касб ва ёфтани ҷойи сазовор дар ҳаёт ба яке аз вазифаҳои асосии давлати мо табдил ёфтааст. Дар ин самт, бо дарназардошти талаботи замон шароити зарурӣ фароҳам оварда мешавад.

Аз ҷумла, далели гуфтаҳои мо он аст, ки дар доираи лоиҳаи «Як миллион барномасоз» 325 ҳазор ҷавон омӯзонида шуданд ва соли гузашта зиёда аз 150 ҳазор нафар духтарону писарон сертификатҳои байналмилалии забон гирифтанд.

Агар хоҳем, ки ҷавононро воқеан ватандӯст тарбия кунем, ҳатман бояд ба он таваҷҷуҳ кунем, ки онҳо вақти худро чӣ гуна мегузаронанд. Агар бо назардошти ҳикмати «Вақти холии ҷавонон — вақти кори душман» кор пеш барем, мебинем, ки ин масъала хеле ҷиддӣ аст. Дар самти таъмин кардани шуғли ҷавонон метавон бо итминон гуфт, ки дар кишвари мо корҳои шоёни таҳсин анҷом дода мешаванд. Инро метавон бо мисолҳои ҳаётии дар поён овардашуда таҳлил кард.

Таваҷҷӯҳ кунед: имсол бо татбиқи 8 ҳазору 300 лоиҳа ба маблағи 35 миллиард доллар, 292 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода мешавад. Ҳамчунин, татбиқи лоиҳаҳое ба маблағи 83 миллиард доллар, ки 500 ҳазор ҷойи корӣ фароҳам меоранд, низ ба нақша гирифта шудааст. Дар натиҷа, дар соҳаҳои иқтисоди «сабз», саноат, энергетика, геология, муҳандисӣ ва дигар ба ҳазорҳо мутахассисон талаб пайдо хоҳанд шуд.

Умуман, дастгирии ҳамаҷонибаи ояндаи фардои мо — ҷавонон самти асосии сиёсати давлатии мо боқӣ мемонад. Зеро, тавре ки Президенти мо дар мулоқоти худ бо ҷавонон таъкид намуданд, ҳар як комёбии ҷавонон — комёбии тамоми халқи мост. Азму шуҷоат, ҷаҳонбинии солим, бахту иқболи онҳо — бахти миллионҳо падару модар, омӯзгорон ва наздикон мебошад.

Дар ин мулоқоти таърихӣ роҳбари давлатамон ташаббусҳои муҳимеро пеш гузоштанд, ки ба васеъ кардани имкониятҳои ҷавонон равона шудааст ва ҳамаи ин иқдомҳо ба бахт ва ояндаи дурахшони фарзандонамон, ки фонди тиллоии кишварамон ҳастанд, хидмат мекунанд.

**Муқаддасхон АҲМЕДОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# ҲОСИЛИ ФАРОВОНИ ҒАЛЛА



Мегӯянд, ки деҳқон дар як сол бой шавад, чӯпон дар даҳ сол. Ҳақ асту рост. Соли равон барои деҳқонон ва фермерҳои вилояти Навоӣ – соли пурбаракат ва фаровонӣ буд. Онҳо сарбаландона ӯҳдадориҳои шартномавии худро аз рӯйи ғалласупорӣ иҷро намуданд.

Омили асосии ин ҳама дастовардҳо татбиқи ислоҳоти созанда дар соҳаи хоҷагии қишлоқ, истифодаи таҷрибаи пешрафтаи замон, мустаҳкамсозии базаи моддӣ-техникии соҳа, беҳсозии ҳолати мелиоративии замин ва фаъолияти пурмашаққати шабонарӯзии деҳқонон ва фермерҳо мебошад.

Соли равон дар ҳудуди 34 ҳазору 300 гектар майдони вилоят тухми ғалла кишт карда шуда, аз ҳар як гектар 81 сентнерӣ ҳосили хушсифат ба даст оварда шуд. Ба шохобчаҳои қабули дон 94, 3 ҳазор тонна маҳсулоти ғалладона супорида шуд. Дар ин раванд деҳқонон ва фермерҳои ноҳияҳои Қизилтепа ва Навбаҳор саҳми бештар доштанд.

Дар мавсими дарави ғалладона дар вилоят 114 отрядҳои ғалладарав ташкил карда шуд. Ба онҳо 680 автомобили боркаш, 127 трактор, 16 устохонаи сайёр ва 46 воситаи таъмини сӯзишворӣ вобаста карда шуд.

Барои таъмини бехатарӣ аз ҳодисаҳои фавқулода саҳми кормандони ШКД вилоят, Гвардияи миллӣ, вазъиятҳои фавқулода ва кормандони ҳаракати роҳ калон буд.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти НАВОӢ.*

***Дар қаламрави ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Янгиюли ноҳияи Тошлоқ шаҳраки IT арзи вуҷуд намуд. Маросими кушодашавии он бо ширкати ҳокими вилоят Хайрулло Бозоров, вазири технологияҳои рақамӣ Шерзод Шерматов, роҳбарони идораҳои давлатӣ, мутахассисони соҳа ва мардуми зиёд ба вуқӯъ пайваст.***




# ШАҲРАКИ IT КУШОДА ШУД

Шаҳраки IT дар маркази нави дорои инфрасохтори замонавӣ воқеъ гаштааст, ки барои тайёр кардани мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ пешбинӣ шудааст. Ин маросим бо буридани лентаи рамзӣ оғоз ёфт. Иштирокчиёни он бо шароитҳои шаҳраки IT шинос шуданд.

Ҳокими вилоят дар бораи рушди технологияи рақамӣ дар кишвари мо ва имкони фароҳам овардани шароит барои ҷавонон ҳарф зад.

Шаҳраки IT дорои 200 ҷой мебошад ва ҳудуди 1 ҳазору 500 нафар ҷавонон дар бахшҳои мувофиқ, аз қабили барномасозӣ, зеҳни сунъӣ, киберамният, хадамоти рақамӣ, техникаи роботӣ ва забонҳои хориҷӣ таҳсил хоҳанд кард.

Сохтмони марказ 5,4 миллиард сӯмро тақозо намуд. Дар баробари ин, бо иқдоми ҳокимияти ноҳия низ аз контейнерҳо ба маблағи 200 миллион сӯм бинои беназире сохтаву мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Баромадкунандагон ба он нукта таваҷҷӯҳи иштирокчиёни маросимро ҷалб намуданд, ки имрӯзҳо дар мамлакати мо барои азхуд кардани касбу хунари замонавӣ тамоми шароит фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ аз ҳамин шумор мебошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки шумораи чунин марказҳои иттилоотӣ дар ҳар як минтақаи вилоят зиёд карда шуда, ҷавонон ҳарчи бештар ба он ҷалб карда шаванд.

Ногуфта намонад, ки соли 2024 ҳаҷми хидматрасонии иттилоотӣ дар вилоят ба 587 миллиард сӯм расидааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 115 фоиз зиёд мебошад. Ҳаҷми хизматрасонии барномаи ҳисоббарорӣ 104 миллиард сӯмро ташкил додааст ва то ба 99,7 фоиз афзудааст. Шумораи резидентҳои IT Park аз 80 нафар ба 106 нафар ва шумораи ҷойҳои корӣ аз 797 то 1 ҳазору 397 нафар зиёд шудааст.

Дар чаҳорчӯби лоиҳаи «Як миллион барномасоз» то кунун ҳудуди 28 ҳазор ҷавон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ таҳсил кардаанд. Дар миёни онҳо мутахассисоне ҳастанд, ки бо ширкатҳои пешрафтаи IT дар ҷаҳон ҳамкорӣ доранд.

Шерзод Шерматов гуфт, ки имрӯз талабот ба кадрҳои дорои технологияҳои иттилоотӣ афзоиш ёфтааст. Ба таъкиди ӯ, маркази нав дар ин самт нақши муҳим хоҳад бозид.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

# СОХТМОНИ РОҲИ ОҲАН ИДОМА ДОРАД

***Маълум аст, ки ноҳияи Ургути вилояти Самарқанд минтақаи озоди иқтисодӣ эълон гардид, ки бисёр роҳҳо ба ин минтақа мепайвандад.***

Бо супориши сарвари давлатамон аз моҳи феврали соли равон сохтмони роҳи оҳане, ки шаҳри Самарқандро бо ноҳияи Ургут мепайвандад, оғоз гардида, ҳоло бунёди он бо суръат идома дорад.

Дарозии шабакаи нав 55 километр буда, аз рӯи лоиҳаи замонавӣ ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Тоштемирйӯллойиҳа» бо корҳои сохтмон машғул аст. Аз рӯи нақша сохтмони ду истгоҳи роҳи оҳан оғоз ёфт, ки яке дар шаҳри Ургут ва дигаре дар минтақаи гузаргоҳи Ҷартеппа, ки бо Тоҷикистон ҳамсарҳад мебошад, идома дорад. Бояд таъкид намуд, ки баъди бунёди роҳи оҳан имкониятҳои зарурӣ барои рушду густариши сайёҳӣ, тиҷорат ва содироти маҳсулоти гуногун пайдо мешавад.

Иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев бо масъулони сохтмони мазкур ва вакилони расонаҳои ахбор бо корҳои бунёди роҳи оҳан шинос шуд. Бинокорон ваъда доданд, ки сохтмони роҳи оҳан то таҷлили рӯзи Истиқлолият ба поён мерасад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# ГАРДИШИ ҶАҲОНИИ МАҲСУЛОТИ САНОАТИИ ВИЛОЯТИ НАВОӢ

***Навоӣ яке аз вилоятҳои саноатии ҷумҳурӣ мебошад. Вилоят бо корхонаҳои саноатии Комбинати маъдани кӯҳӣ (истеҳсоли тилло ва металлургия), Навоиуран, Навоиазот, Қизилқумсемент ва дигар корхонаҳояш шӯҳрат пайдо кардааст. Маҳсулоти Навоиуран 100 фоиз ба хориҷ (асосан ба Фаронса) экспорт мешавад.***

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ моҳҳои январ – майи соли 2025 вилоят бо 74 давлати хориҷӣ доду гирифт кардааст, ки ин 678,1 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Гардиши савдои хориҷӣ нисбати ҳамин давраи соли 2024-ум 29,9 миллион доллари ИМА, ё худ 4,5 фоиз афзудааст.

Дар савдои хориҷии вилояти Навоӣ давлатҳои беруна чунин саҳм доранд: Фаронса – 58,3 фоиз, Русия – 9,2 фоиз, Чин – 8,9 фоиз, Қазоқистон – 3,6, Туркия – 2,5 фоиз.

Вилояти Навоӣ ба хориҷ ба миқдори 505,7 миллион доллари ИМА маҳсулот содир намуда, ба миқдори 172,4 миллион доллари ИМА маҳсулот ворид намудааст.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти НАВОӢ.*

# «ВОРИСОНИ МИРЗО УЛУҒБЕК» СОҲИБИ ДИПЛОМ ШУДАНД

***Бо мақсади баланд бардоштани саводнокии рақамии ҷавонон ва тайёр кардани мутахассисони соҳибистеъдоде, ки дар равандҳои рақамисозии соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт фаъолона иштирок мекунанд, қарори Девони Вазирон аз 19 майи соли 2023 «Дар бораи чораҳои ташкил намудани курсҳои омодасозии таълимии «Ворисони Мирзо Улуғбек» қабул шуда буд.***

Бар асоси ин қарор аз ҷониби Вазорати технологияҳои рақамӣ дар назди филиали Донишгоҳи Инха дар шаҳри Тошканд Маркази ташкил намудани курсҳои омодасозии таълимии «Ворисони Мирзо Улуғбек» аз соли таҳсили 2023-2024 ба фаъолият оғоз намуд.

Самти асосии ин курсҳо «Data Science» буда, ба шунавандагон оид ба омори математикӣ, таҳлили маълумоти бузург бо воситаи барномаҳои компютерӣ ва таҳияи қарорҳои идорӣ дар асоси ин таҳлилҳо донишҳои амиқ дода мешавад.

60 нафар донишҷӯи боистеъдоди соли дуюми зинаи бакалаври ҳамаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ин курсҳои омодасозии таълимии «Ворисони Мирзо Улуғбек»-ро бомуваффақият хатм карданд.

Ба ин муносибат маросими тақдими дипломҳо ба хатмкунандагони соли таҳсили 2024-2025 баргузор гардид.

Дар чорабинӣ вазири технологияҳои рақамӣ Ш. Шерматов ва раиси Бунёди «Мирзо Улуғбек» О. Салимов иштирок намуданд.

Нотиқон хатмкунандагонро табрик гуфта, изҳори боварӣ карданд, ки онҳо бобати аз худ кардани касбҳои муосир, илм ва технологияҳо фаъол хоҳанд буд. Ҳамчунин таъкид шуд, ки идома ёфтани чунин ташаббусҳо барои баланд бардоштани иқтидори рақамии ҷавонон аҳамияти бузург дорад.

Дар ҳоли ҳозир қабули донишҷӯён ба курсҳои «Data Science»-и «Ворисони Мирзо Улуғбек» барои соли таҳсили 2025-2026 идома дорад. Дар озмун донишҷӯёни соли сеюми муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки ба технологияҳои рақамӣ шавқ доранд, иштирок карда метавонанд. Донишҷӯёни интихобшуда имконияти таҳсили яксоларо дар шаҳри Тошканд ба даст меоранд.

Таваҷҷуҳи насли ҷавон ба соҳаҳои рақамӣ — заминаи тайёр кардани мутахассисони баландихтисос ва дорои иқтидори илмӣ ва технологӣ барои оянда мебошад. Чунин ташаббусҳо чун «Ворисони Мирзо Улуғбек» барои ҷавонон роҳ мекушоянд ва ба ташаккули ҷомеаи муосиру рақамӣ дар кишвари мо хидмат мекунанд.

**Нигора РАҲМОНОВА,**
**мухбири ЎзА.**

# «КУҲАНСОЛОНИ ПУРҒАЙРАТ»

***Солҳои охир бинобар қарорҳои махсуси сарвари давлат оиди дастгирии собиқадорони меҳнат мусобиқаҳои варзишӣ аз ҷумла, қувваозмоиҳо оид ба шоҳмоту шашка, гӯштии миллӣ ва ғайра ба амал меоянд.***

Ба қарибӣ дар варзишгоҳи «Умед»-и шаҳри Бухоро мусобиқаҳои мини-футбол таҳти шиори «Куҳансолони пурғайрат» баргузор гардид. Дар он нурониёни спортдӯсти шаҳру ноҳияҳои вилоят бо ҳам вохӯрданд. Бинобар ҷамъбасти қувваозмоиҳо ҷойи аввал ба куҳансолони шаҳри Бухоро, ҷойи дуюм ба собиқадорони меҳнати ноҳияи Олот ва ҷойи сеюм ба нурониёни ноҳияи Вобканд насиб кард.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

*Китобиёт*

# ДАР ХИДМАТИ ИЛМУ ИРФОН

Чанде пеш нусхаи электронии рисолаи илмию оммавии бахшида ба 85-солагии донишманд, адиб ва тарҷумон Аслиддин Қамарзода бо унвони «Дар чорсӯи илм ва эҷод»-ро мутолиа намудам.

Он ба қалами омӯзгори Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқ Ҳикмат Ҳикматов мансуб буда, муҳаррираш нависандаи ҷавон Фаридуни Фарҳодзод мебошад.

Рисола аз 22 боб иборат буда, боби аввалини он «Аз мактаби деҳа то курсии донишгоҳ» ном дорад. Дар он зиндагиномаи Аслиддин Қамарзода аз овони тифлӣ то курсии донишгоҳ, яъне фаъолияти меҳнатии ӯ дар донишгоҳ тасвир шудааст. Мавқеи оила, яъне падару модар дар тарбия ва таълими фарзанд бо мисолҳои дақиқ зикр мегардад.

Муаллиф менависад, ки Қамарзода падараш Қамар Маҳдуми Самарқандиро аввалин устоди худ меҳисобад. Модари ӯ Латофат Шокирова низ бонуи босавод будааст. Тарона, афсонаю ривоятҳои зиёдеро хондаву ба фарзандон маънидод мекардааст.

Хулоса, падару модари бомаърифат ба ташаккул ва рушду ривоҷи маънавият, ҷаҳонбинӣ ва дониши Аслиддини ҷавон нақши муҳим доштаанд.

Ӯ пас аз хатми мактаби миёнаи рақами 21-уми ноҳияи Самарқанд, солҳои 1958-1963 дар бахши шабонаи факултети филологияи ӯзбек ва тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ таҳсил намуда, баробари ин дар нашриёти донишгоҳ чун ҳуруфчини матбаа, мусаҳҳеҳ ва аз августи соли 1961 то сентябри соли 1963 дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики он ба ҳайси лаборант, мудири кабинет кор кардааст.

Фаъолияти эҷодии Аслиддин Қамарзода серҷабҳа аст. Ҳикматов қайд менамояд: «Аслиддин Қамарзода ҳамчун пажӯҳишгари осори адибони машриқзамин соли 1984 ба узвияти Созмони шарқшиносон, ҳамчун адиб ва тарҷумони дузабона соли 2004 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва соли 2022 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон, соли 1992 ҳамчун журналисти соҳибқалам ва ботаҷриба ба узвияти Иттиҳоди журналистони Ӯзбекистон пазируфта шудааст».

Муаллиф менависад, ки ба ташаккули дониш ва тафаккури Аслиддин Қамарзода академикон Абдулғанӣ Мирзоев, Воҳид Абдуллои Самарқандӣ, олимони шинохта Раҳмон Эгамбердиев, Мирсафо Атоев, Самариддин Аслиддинов, Юсуфҷон Пӯлодов ва шоири зуллисонайн Мардонқул Муҳаммадқулов саҳми арзанда гузоштаанд. Соли 1970 таҳти роҳбарии олими адабиётшинос Раҳим Муқимов дар мавзӯи «Жанри қиссаи тарҷумаиҳолӣ дар адабиёти халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон» рисолаи илмӣ менависад ва дар Шӯрои илмии Донишгоҳи давлатии Самарқанд ҳимоя намуда, соҳиби дараҷаи илмии номзади улуми филология ва унвони илмии дотсент мешавад. Баъдан доир ба соҳаҳои гуногуни адабиёти мумтозу муосир, ваҳдати адабиёти миллӣ дар маҷаллаву маҷмӯаҳои илмӣ беш аз 800 номгӯй мақолаи илмии ӯ нашр шудаанд. Ҳамин тариқ, бобҳои дигари рисолаи Ҳикмат Ҳикматов паҳлуҳои гуногуни фаъолияти Аслиддин Қамарзодаро равшан намудаанд.

Ӯ менависад: «Доираи фаъолияти илмию тадқиқотии Аслиддин Қамарзода хеле васеъ буда, робитаҳои адабӣ, ваҳдати адабиётҳои миллӣ, мероси устод Айнӣ ва адибони муосири тоҷик, ҳаёт ва эҷодиёти адибони маорифпарвар ва ғайраро дарбар мегирад.

Ӯ ҳамчун донишманди таърихи адабиёти бадеӣ, илми адабиётшиносӣ, тазкиранигорӣ, пажӯҳишгари масъалаҳои рушди забон ва адабиёти тоҷик дар Самарқанд шинохта шудааст. Мо ин маъниро аз библиографияи осори Аслиддин Қамарзода, ки беш аз сад номгӯй мақолаю гузориши илмӣ, маърӯзаро дар бар мегирад, пай мебарем.

Аслиддин Қамарзода дар пажӯҳиш ва тарғиби рӯзгор ва осори адибони машҳури ҷаҳон низ эътибори хоса дорад. Ӯ аз «Таърихи адабиёти ҷаҳон» ба шогирдон дарс гуфта, дар ин соҳа дастуру китобҳои дарсӣ таълиф намудааст.

Дар рисола эътирофнома – номаҳои нависандагон ва олимон гирд оварда шудааст. Аз ҷумла устод Сотим Улуғзода менависад: «Муҳтарам ва қадрдон Аслиддин Қамарзодаро салом ва эҳтиром! Туҳфаи гаронбаҳои наврӯзиатон «Гулдастаи Самарқанд» расид. Бисёр-бисёр ташаккур дастагули хушбӯе аз дӯстони самарқандӣ! Чӣ хуш! Хотири ин ҷонибро шод ва машомамро муаттар сохт. Офарин ба адибони тоҷикзабони самарқандӣ, ки чароғи адабиёти тоҷикро, ки аслан нахустин бор дар он шаҳри бостонӣ шуълафишон шуда буд (Устоди Самарқанд, яъне Рӯдакӣ) фурӯзон медоранд. Ба ояндаи ин «қатрае аз баҳр» ва «фатире аз нӯги хамир» бо чашми умед менигарам...

Бо эҳтиром Сотим Улуғзода. Ш, Душанбе. 1. 03. 1989».

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

## Имконияти модиву техникии поликлиникаи маркази серсоҳа меафзояд

*Иқтидори беморқабулкунии поликлиникаи марказии серсоҳаи шаҳри Когон барои 250 мизоҷ пешбинӣ шудааст ва дар ду баст фаъолият дорад. Поликлиника ба 22 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои шаҳраки Роҳиоҳанчиён, 2 коллеҷ, 11 мактаби таълими ҳамагонӣ, 15 муассисаи таълими томактабӣ ва аҳолӣ хидмати тиббӣ мерасонад.*

*Дар поликлиникаи марказӣ барои ба аҳолӣ хидмати тиббӣ расонидан ва иҷрои корҳои патронажӣ 26 шифокори оилавӣ ва 95 нафар ҳамшираи патронажӣ фаъолият мебаранд.*

*Ҳоли ҳозир дар ин поликлиника барои хидмати хуби тиббӣ расонидан тамоми асбобу ускунаҳои замонавии тиббӣ мавҷуданд. Аз ин рӯ, баҳри назорати саломатии репродуктивӣ, онкологиву эндокринологӣ, кардиологиву наркологӣ, касалиҳои сил ва ғайра аз ин воситаҳо ба таври васеъ истифода мешавад.*

***Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Бухоро.***



*Биёбониён паҳлавонӣ кунанд,*
*Маликзодагон даштбонӣ кунанд.*
***НИЗОМӢ***

*Сикандар дили хисравонӣ гирифт,*
*Сухан гуфтани паҳлавонӣ гирифт.*
***ФИРДАВСӢ***

*Истад ҚОСИМЗОДА*

# ҚИССАИ АСПТОЗ ВА АСПИ ТАНБАЛ

*(Ҳикояи воқеӣ)*

Устоди бузурги табибону пизишкони олам, файласуфи Юнони қадим Гиппократ одамро ҷонзоди дараҷаи олӣ, аспро ҷонвари беҳтарин, вале сагро ҳайвони пасттарин донистааст.

Оиди одаму асп гап нест, ҳамааш маълум ва дуруст.

Вале оиди ҷонвари сеюм – саг, ки фикрҳои мухталиф мавҷуданд, форсинажодон онро маҷозан «вафодор» мегӯянд. Ҳатто мақоле ҳам доранд, гоҳо ба ҷон расида «зан – ҷафову саг – вафо» ҳам мегӯянд. Беҳуда нест, ки хислатҳои наҷибу ба соҳибаш бовафо будани онро ба назари эътибор гирифта, аз қадим сагро ба шаҷараи солшуморӣ ҳам дохил намудаанд. Шоҳону вазирон бе «вафодор» ба шикор намерафтаанд. Дар Шарқи Дур ва атрофи укёнуси Яхбастаи Шимолӣ даҳ-дувоздаҳ сагро ба гардунаҳо баста, ба сифати нақлиёт истифода мекунанд. Дар бораи ин ҷонвар ҳикояву достонҳо офаридаанд мардуми шимол!.. Беҳуда нест, ки инсон аз ин ҷонвар, ҳар навъе, ки хоҳад, истифода мебарад. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ низ хидматҳои ин ҷонвар беқиёс буд. Ҳатто дар нимаҳои асри бистум барои таҷриба ба ҷойи инсон аз зоти беҳтарини он интихобан ба кайҳон ҳам фиристоданд.

Ба ҳамин маъно, чанде пештар ман дар меҳмонии тоҷикони атрофи Дараи Ниҳони афсонавӣ аз забони мардуми Поҷӯр ҳамин қиссаи «Асптоз ва аспи танбал»-ро шунида, дар ҳайрат афтода будам. Аниқтараш, аз хабарнигор Шерзоди Саид дар шаҳраки Гулободи музофоти «Ҷамбули Мастон»-и қадим (ҳозира Генерал) ин қиссаро шунида будам. Ва аз ӯ гила ҳам карда будам, ки чунин падар доштаеду боре ҳам моро шинос накардаед. Ӯ гуфт:

– Охир, шумо бо падарам вохӯрдаед. Шуморо мешиносанд. Мақолаю фелетонҳоятон, ҳатто китобҳоятонро хондаанд. Дар «Лагери кашшофон»-и пойини Хоҷабаркӯҳи Синаю Ӯшор якҷо меҳмони директори он Аминҷон Аллаев будаед. Медонанд.

– Шояд, – гуфтам, – лекин сураташонро пеши назар оварда наметавонам. Аз ростӣ, одамеро, ки як бор аз наздик дидаю ду даҳан суханашро шунида бошам, ҳеҷ фаромӯш намесозам.

– Пас, муаллимҷон, – гуфт Шерзод, – пагоҳ ба хона биёед. Меҳмон дорем. Падарам гуфтанд, ки шуморо ҳам ёфта, албатта, хабар диҳам.

– Ба чӣ муносибат? – кунҷковона пурсидам аз ӯ.

– Ҳе-е, – хандид Шерзод. – Акоям Исо аз кӯҳистони Хондиза як тойчаро ҳавас кардаю харида овардаанд. Сияҳмушкини пешонасафед. Ёлу думаш дароз. Чаҳор пояш болотар аз сумаш сап-сафед. Иншоаллоҳ, аспи зебо мешавад, – нияти нек кард Шерзод.

– Ман хонаи шуморо надида бошам, чӣ тавр ёфта меравам? – гуфтам.

– Аз назди мадрасаи қадимии Деҳнав ба «ғизолтаксӣ»-и дуюм биншинед. То истгоҳи охиринаш биравед. Худамон пешвоз мегирем, – гуфт ва ба мошини «Ласеттӣ»-и наваш нишаста бирафт.

Ҷавони дилаш соф. Истеъдоди суханварӣ дорад. Паҳлавон, асптоз, вале мисли ҳамаи одамҳои бузург як навъ содагӣ ҳам дорад. «Ба Поҷӯрам баред!» ном ҳикояе дорад, ки бо ҳамин ном маҷмӯаи нахустинашро таҳрир карда будам. Дар он ҳикоя симои писараки кӯҳистоние тасвир шуда буд. Бино бар тасвир ӯро мувофиқи хоҳиши кӯдаконааш ба Поҷӯр мебарад. Ин деҳа дар теппаи кӯҳи баланди байни ҷариҳои чуқур ҷойгир аст.

Дар хонаи амаку тағоҳояш меҳмон мешаванд. Кадоме аз онҳо, таври шӯхӣ, гӯсфандхонаи похсадевореро нишон дода мегӯяд:

– Шерзодҷон! Ана ҳамин гӯсфандхона замоне хонаи истиқомат буд. Ту дар ҳамин хона таваллуд шуда будӣ.

– Ваҳ! Шумоён хонаи таваллудшудаи маро ба гӯсфандхона табдил бидодед? – гӯён шашқатор ашкаш равон мешавад...

Дигарон табассум мекунанд.

Субҳи дигар ҳафт бародар ва амаку тағобачаҳо ба по хеста, дар як дам он «гӯсфандхона»-ро аз байн бардошта, аз нав як хонаи чӯбкории дару тирезаҳояш зебоеро бунёд мекунанд.

– Хӯш! Чӣ хел? Хона маъқул шуд? – мепурсанд хешонаш баъди бо қолину гилемҳои зебо оро додани хонаи нав.

– Маъқул! – ҷавоб медиҳад ӯ бо табассум.

***

Амаку тағоҳояш ҳам муаллим, саркору ғаллакор, боғдор. Дар кӯҳистон он қадар бодоми талху ширинак парвариш кардаанд, ки барои фурӯш, барои дорувор худи мардум рафтаю харида мебаранд. Табибон барои гиёҳҳои шифобахш он ҷо рафта, бо халтаҳои пур бармегаштаанд. Лекин бисёр эҳтиёт мешудаанд. Дар пастию чуқуриҳои бетаги он сӯйи Поҷӯр морҳои калон – аждаҳоҳои даҳшатбор ҳам аз дур ба назар мерасидаанд. Шавҳари апаҷони пиставу бодомфурӯши бозори калони Деҳнав боре ба ман нақл карда буд, ки ҳамон морҳо аз ҷарӣ боло баромада наметавонистаанд. Аз поин истода, ҳайвоноти ваҳширо ба коми худ мекашидааст. Аспсаворе бо тойчааш гузарад, боре тойчаашро ба дами худ кашидааст. Ба он ҷойҳо пойи инсон намерасидааст...

Аммо мардум ба киштукори худ машғул шуда, аз замин ҳосили хуб мерӯёндаанд. Бою бадавлат зиндагӣ мекардаанд. Тӯйҳо барпо мешудааст. Бузкашӣ доим дар авҷ будааст. Урфу расми қадимиёнро фаромӯш намекардаанд. Дар бузкашиҳо падар ва бародарони Шерзод фаъол, бо ҷасорат иштирок мекардаанд. Бузу гӯсфанд, барраю буғзолаи дар гӯштингирӣ ва бузкашиҳо ба даст овардаи онҳоро бародаронаш дар охири сол (ҷамъ карда), чашм нарасад гуфта, шабона аз баромадгоҳи Дараи Ниҳон пеш андохтаю ҳай карда меовардаанд. Худи Шерзод ҳам гоҳ-гоҳ ёрӣ мерасондааст. Баъдтар Шерзод ҳикояи дигареро овард.

– Муаллимҷон, – гуфт бо як навъ ширинзабонӣ, – хонда бинед, оё кирои ба чоп супориданаш ҳаст ё не?

Хондам. Хеле мутаассир шудам. Бо забони ширадори тоҷикони Дараи Ниҳон навишта шуда буд. Як сухани зиёдатӣ надошт. Аммо номаш «Деғ». Ин суханро бори нахуст мешунидам.

– Чӣ маъно дорад? – аз ӯ пурсидам хонда истода. – Пас, шарҳ додан лозим, – гуфтам.

Дар ҷояш шарҳ дода, номашро ҳам «Деғ» гузоштем. Лабу лунҷашро боз дуруст карда, ду нусха барои чопи мошин фармудем. Як нусхаашро ман бурда ба дасти сардабири маҷаллаи «Садои Шарқ» Ҷонибеки Акобир супурдам.

Пагоҳаш эшон ба идораи маҷаллаи «Пайванд», ки котиби масъулаш будам, сим зада гуфтанд, ки онро ба дасти чоп додаанд... ҳикояи хонданӣ».

Воқеан ҳам пораҳои таъсирбахш дошт. Марди паҳлавоне аз Дараи Ниҳон ба бозори Баракати пойтахт бо писарчааш меравад. Баногоҳ писарча байни анбӯҳи одамон раҳгум мезанад. Мегиряд. Фиғони ӯро шунида як пирамарди лӯлӣ аз мавзеи Ширкенти Регар тасалло медиҳад, ки гӯё падарашро мешиносад!.. Ӯро бурда ба дасташ месупорад.

Аммо ӯ каси дигарро нишон дода, кӯдакро ба тарбияи худ мегирад. Ҷавони паҳлавон ба воя расидан мегирад. Модараш аз фироқи писари бедарак шудааш азоб кашида, мемирад. Аммо падари паҳлавонаш дар яке аз тӯйҳои мардуми Ширкент рафта, оби чашм борони найсон карда мегӯяд: «Писаратро ёфтам!»...

Дӯстон мегуфтанд, ки ин ҳикояи хурдро аз китобхонаи ба номи Фирдавсӣ дастрас карда, беашк хонда натавонистаанд.

Шерзод инро ҳам ба мо мегуфт, ки падараш дар гӯштингириҳои калон ва бузкашиҳои байни ду ҷумҳурӣ, вақти муаллими одӣ будани худ иштирок намуда, соҳиби ҷоизаҳои калон мешудаанд. Баъд аз он ки мудири шуъбаи таълими вилоят Сафар Соҳибови бойсунӣ ба Тирмиз даъват карда, директори мактаби мавзеи «Генерал» таъин менамояд, падар ҳунарнамоиро дар майдонҳо бас мекунад ва тамоми меҳри худро ба тарбияи насли наврас ба харҷ медиҳад.

**(Давом дорад).**

*Таҳқиқоти журналистӣ*

# ҶОҲКАН – ЗЕРИ ҶОҲ

23 июни соли равон Суди олии ҷумҳурӣ шаҳрванд Шоира Исроиловаро баъди ҳафт соли баррасии қазия бегуноҳ эълон кард. Тайи ин муддат вай маҳз аз тарафи роҳбарони масъули Корхонаи минтақавии шабакаҳои барқи вилояти Фарғона, инчунин бархе аз ходимони масъулиятшиноси идораҳои вилоятӣ ва шаҳрӣ мавриди азияту сарсониҳо ва таҳқиру камситоиҳо қарор гирифтааст.

Ёдовар мешавам, ки баъди як муроҷиати Шоира Исроилова ба таҳририяти «Овози тоҷик» мухбири он ба таҳқиқи ин мавзӯъ партохта, дар мурофиаҳои зиёди судӣ ширкат намудааст. Мақолаи аввал 9 феврали соли 2021 таҳти унвони «Моли давлатро дигарон ба тороҷ мебаранд!» дар рӯзнома чоп шуд. Он вақт Шоира Исроилова бо қарори додгоҳҳои маъмурӣ ва ҷиноии шаҳри Фарғона бегуноҳ дониста шуда буд. Аммо чунин қарори додгоҳ ба иззати нафси директори генералии ҶС Корхонаи минтақавии шабакаҳои барқи вилояти Фарғона Дилшод Ҷалилов, муовини вай Эрнест Ибрагимов ва мудири шуъбаи кадрҳо Улуғбек Мирзоев расида, муҷиби он гардидааст, ки ҳафт соли тамом Шоира Исроилова ба азияту сарсониҳо ва кулфату камситоиҳо дучор шавад.

Ш. Исроилова солҳои дароз дар вазифаи мудири шуъбаи маъмурӣ-хоҷагии ин корхона кор кардааст ва байни ҳамкорон ҳамчун зани ҳалолу пок ва дар кори худ ботаҷриба ном баровардааст. Вай ҳамеша молу маводи гуногунро танҳо баъди расмӣ кунонидани ҳуҷҷатҳои он аз анбори корхона иҷозати баровардан додааст. Ҳамин тарзи кори Шоира Исроилова ба ҷойи он ки аз тарафи маъмурияти корхона, хусусан собиқ директори генералӣ ва шахсони масъули дигар сазовори эътироф ва мукофот гардад, маъқул наафтодааст ва онҳо дар пайи аз кор рондани ӯ афтодаанд.

Шоира Исроилова ин ҳолатро чунин тавзеҳ медиҳад:

– Рӯзе маъмурият аз ман тақозо намуд, молу маводи зиёдеро бидуни расмӣ кунонидани ҳуҷҷатҳои он иҷоза диҳам, ки аз ҳудуди корхона ба ҷойи лозима баранд. Арзиши ин мавод маблағи хеле зиёдро ташкил медод ва ба манзури он, ки фардо дар тороҷи амволи давлатӣ маро гунаҳкор нахонанд, аз ин кор сарпечӣ намудам. Ана ҳамин сабаб шуду маро дучори азияту сарсониҳо карданд. Ҳатто роҳбари собиқи корхона Дилшод Ҷалилов маҷбурам намуд, ки «бо хоҳиши худ» аз кор равам ва таҳдид ҳам кард, ки агар ин корро накунам, нисбати ман чораҳои шадидтар дида мешавад.

Ба гуфтаи Ш. Исроилова кор ба ҷое расид, ки ӯро ба корхона тамоман роҳ надоданд. Маҷбур шуд ба додгоҳи маъмурии шаҳри Фарғона муроҷиат кунад ва ин аввалин марҳилаи идораи додгустарӣ буд, ки барои барқарор намудани адолат аризааш қонеъ гардонида шуд.

– Баъди ҳукми додгоҳ аз хазинаи корхона ба ман якуним миллион сӯм зарари моддӣ низ пардохта шуд. Аммо аллакай ба ҷомаи роҳбари корхона ва гумоштаҳои ӯ кайк даромада буд. Онҳо роҳеро меҷустанд, ки бо баҳонае маро тамоман аз ин корхона дур созанд, – мегӯяд Шоира Исроилова.

Пас аз ин Исроилова вақте ки ба ҷойи кор ҳозир шуд, ӯро посбонҳои дарвоза ба корхона роҳ надоданд. Ин амри директори генералӣ Дилшод Ҷалилов буд, ки ошкоро аз иҷрои ҳукми додгоҳи маъмурии шаҳри Фарғона сарпечӣ мекард. Дар баробари ин, аз пеши вай калиди кабинеташро гирифтанду ӯро аз назди дарвоза дур карданд.

– Дар утоқи кориам ҳуҷҷатҳои зиёд мавҷуд буд. Бе иштироки ман вориди утоқ шуда, ҳуҷҷатҳоро аз сандуқчаи мизи ман гирифтаанд. Агар баъзе аз ҳуҷҷатҳоро нусхабардорӣ намекардам, Ҷалилов ва Ибрагимов чӣ балоҳои дигарро ба сарам меоварданд. Ин ҳуҷҷатҳоро ба муфаттиши прокуратура тақдим намудам. Аммо муфаттиш шояд хостаи директори генералӣ Дилшод Ҷалилов ва мудири шуъбаи кадрҳо Улуғбек Мирзоевро иҷро мекард, ки ба он ҳатто таваҷҷӯҳ нанамуд, – иброз медорад Шоира Исроилова.

Дарвоқеъ, Эрнест Ибрагимов таҳдид намудааст, ки агар назди дарвозаи корхона пайдо шавад, ба хешу табораш низ зарар хоҳанд расонд.

– Ғайр аз он ки маро нагузоштанд вориди корхона шавам, Улуғбек Мирзоев бо ҳуҷҷатҳои қалбакӣ иддао намуд, ки чанд рӯз бесабаб ба кор ҳозир нашудаам. Барои ҳамин маро бо моддаи хоси Кодекси меҳнат аз кор хориҷ намуданд, – ёдовар шуд ҳамсуҳбати мо.

Ба ин қаноат накарда бо амри Дилшод Ҷалилов ҳуҷҷатҳои қалбакӣ месозанд ва ӯро дар тороҷи 124 миллион сӯмина амволи давлат муттаҳам мекунанд. Шоира Исроилова ба суди ҷиноӣ кашида мешавад. Гӯё вай чанд таҷҳизоти корхона, мисли телевизор, кондитсионер, яхдон ва амсоли онро ба хонааш дуздида бурдааст. Инчунин манораи оҳании оби аз нимаи солҳои шастуми асри гузашта боқимондаро афтонида, пораҳои онро баровардa фурӯхтааст.

Ба мурофиаи суд як гурӯҳ занҳо низ ҷалб карда мешаванд, то ки нисбати Ш. Исроилова аз тӯҳмат ва иғво истифода кунанд. Аммо тири маъмурияти корхона хок мехӯрад ва баръакс Шоира Исроилова дар суди ҷиноӣ кирдори маъмурияти корхонаро дар тороҷи амволи давлатӣ ошкор месозад. Посбонону коргарони шуъбаи маъмурӣ-хоҷагӣ Мирзоҷон Фозилов, Давлатҷон Ҳомидҷонов, Мамадазим Ҷалилов ва Муҳиддин Ҳасанов низ шаҳодат медиҳанд, ки на Шоира Исроилова, балки маъмурияти корхона бо роҳбарии директори генералӣ Дилшод Ҷалилов ва муовини ӯ Эрнест Ибрагимов дар тороҷи амволи давлатӣ гунаҳкоранд ва онҳо бояд ба курсии додгоҳ кашида шаванд.

Дар суди ҷиноии шаҳри Фарғона раисикунанда Фирӯза Сиддиқова баъди баррасиҳо ва шаҳодати шоҳидон эълон мекунад, ки маъмурияти корхона 87 миллион сӯмина амволи давлатиро ба тороҷ бурдааст. Вай аз мақомоти додситонӣ тақозо менамояд, ки тафтиш гузаронанд, то ки зарари молии рабудашуда ба хазинаи корхона баргардонида шавад.

Аммо боз баъзе таҷҳизоти корхона дар дӯши ӯ боқӣ мемонад, зеро имкон надошт, ки ҳуҷҷатҳои лозимаи онро ба додгоҳ пешниҳод кунад. Бо вуҷуди ин, яке аз вакилони додгоҳ ва вакили мудофеъ бевосита мавҷуд будани телевизор, кондитсионер ва яхдонро дар корхона рафта месанҷанд.

Ба гуфтаи собиқ вакили мудофеъ ва дар айни ҳол ҷонишини раиси Суди ҷиноии вилояти Фарғона Бурҳонҷон Мамаҷонов маъмурияти корхонаи барқи вилоят хостаанд аз ин зан ҷинояткори ашаддӣ созанд ва ӯро дар иттиҳоми тороҷ намудани моликияти давлатии корхона гуноҳкор намуда, аз ӯ маҳбус созанд.

– Агар кор чунин ранг мегирифт, дигарон аз ҷавобгарии ҷиноӣ наҷот меёфтанд, аммо Шоира Исроилова маҳкум мешуд. Ман бо намояндаи Суди ҷиноии вилоят ба ин корхона рафтам ва шоҳиди он шудам, ки даъвоҳои шоҳидон асос надоштааст ва яхдон, кондитсионер ва телевизор дар ҷояш аст, – изҳор намуд собиқ вакили мудофеъ Бурҳонҷон Мамаҷонов.

Маълум шудааст, ки дар ҷараёни мурофиаҳои суд бархе аз шоҳидон бо овардани далелҳои беасос вакили додрасониро гумроҳ сохтанӣ шудаанд. Онҳо гуфтаанд, ки ҳуҷҷатҳои расмиро бидуни ваколати худ Шоира Исроилова имзо мекард, аммо вакили додрасонӣ собит намудааст, ки имзоҳо сохтаанд ва ба Ш.Исроилова марбут наянд.

Оқибат Суди олӣ қилро аз хамир ҷудо намуда, ҳақро ба ҳақдор расонид.

– Дар муддати ҳафт соли охир дар шаҳрҳои Фарғона ва Намангон борҳо мурофиаҳои суд баргузор гардиданд. Дар роҳи расидан ба мақсадам устувор будам ва талош кардам, ки бегуноҳиамро собит хоҳам кард. Барои ҳамин бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба Прокуратураи генералӣ муроҷиат кардам, – мегӯяд Шоира Исроилова.

Дар мурофиаи ниҳоие, ки дар толори бинои Суди олӣ баргузор гардид, намояндаи Прокуратураи генералӣ Фирдавс Умиров гуфт, ки Шоира Исроилова ҳамеша барои гирифтани пеши тороҷ гардидани амволи давлатӣ талош намудааст, аммо дар чанд марҳила вакилони додрасонӣ ва додгустарӣ ин ҷиҳатро сарфи назар намудаанд ва муҷиби сарсону саргардонӣ ва азияташ шудаанд.

– Прокуратураи генералӣ аз Суди олӣ хоҳиш мекунад, ки таъиноти суди шаҳри Фарғона аз 01.02.2020, таъиноти суди ҷиноии вилояти Намангон аз 29.03.2023 ва суди тафтишотии вилояти Фарғона аз 18. 03. 2024 нисбати Ш. Исроиловаро бекор ва аз рӯйи ин парванда қарори нав қабул кунад,–изҳор намуд Ф. Умиров.

Дар натиҷа Суди олӣ таҳти раёсати Дилшод Раҷабов, ёварони ӯ – Элдор Шамсиддинов ва Маъмура Қодирова, котиб Дилшодҷон Норқулов бо қарори худ Шоира Исроиловаро бегуноҳ эълон кард ва ба баррасиҳои ҳафтсолаи қазияи мазкур хотима бахшид. Раванди ин мурофиаро мухбири «Овози тоҷик» бевосита мушоҳида менамуд. Дар баробари ин, бо тавсияи раисикунандаи мурофиа бояд ба Шоира Исроилова шароит фароҳам оварда шавад, ки саломатиашро барқарор намояд. Интизор меравад, ки корхона маоши ин давраро ба вай ҷуброн хоҳад кард.

– Дар муддати ҳафт сол ноумед нашудам ва муборизаро идома додам. Эътимодам қавӣ буд, ки рӯзе ба далелҳои овардаам таваҷҷӯҳ зоҳир мешавад. Ин аст меваи Ӯзбекистони Нав, ки бо ташаббуси Президенти муҳтарам Шавкат Мирзиёев бунёд меёбад ва тараққӣ мекунад. Ман бевосита ба ҷонишини Прокуратураи генералӣ, мушовири калони адлия Светлана Ортиқова барои таҳқиқи ҳаққонии қазия арзи минатдорӣ мекунам, – мегӯяд Шоира Исроилова бо ашки шодӣ.

***

***P.S.*** *Сардори шуъбаи мубориза бо коррупсияи Ҷамъияти саҳҳомии Корхонаи минтақавии шабакаҳои барқи вилоят Алишер Холматов ва мудири шуъбаи кадрҳои он Улуғбек Мирзоев, ки ҳамеша барои аз вазифа дур кардани Шоира Исроилова ва ба маҳбас кашидани ӯ аз роҳҳои разил истифода намудаанд, дар гирифтани ришва боздошт ва аз озодӣ маҳрум карда шуданд. «Ҷоҳкан – зери ҷоҳ» ҳамин будагист.*

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ДАР ЎШ ХОТИРАИ ШОИРИ БУЗУРГ АЛИШЕРИ НАВОИРО АБАДӢ ГАРДОНДАНД

***Маросими мутантани кушоиши ёдгории мутафаккири бузург, шоир ва арбоби давлатӣ дар боғи ба номи Алишери Навоии шаҳри Ўши Қирғизистон баргузор шуд.***




Дар маросим ҳокими шаҳри Ўш Ченишбек Токторбаев, раиси Шўрои депутатҳои халқи шаҳри Ўш Болотбек Баетов, депутатҳои Шўрои шаҳрӣ, кормандони Вазорати корҳои хориҷии Қирғизистон, фаъолони марказҳои милливу фарҳангии ўзбек ва намояндагони ҷомеаҳои маҳаллӣ иштирок карданд.

Ҳокими шаҳри Ўш Ченишбек Токторбаев дар бораи вазъи кунунии муносибатҳои байни Қирғизистон ва Ўзбекистон ҳарф зад. «Аз замоне, ки Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Қирғизистон Садир Ҷапаров ба сифати роҳбарони давлатҳо фаъолияти худро оғоз намуданд, муносибатҳои байни ду мамлакат ва ду халқ ба сатҳи нав бардошта шуданд. Ҳоли ҳозир соҳае нест, ки дар он ҳамкориҳо ба роҳ монда нашуда бошанд, ба шарофати сайъ ва кўшиши роҳбарони ду давлат ин муносибатҳои дўстӣ ва шарикии стратегӣ ба дараҷаи олитарин бардошта шуданд», – гуфт ҳоким.

Болотбек Баетов дар навбати худ таъкид намуд, ки зуҳуроти ҳурмату эҳтиром нисбати мероси Навоӣ вазифаи ҳар кадом намояндаи халқи турк ба шумор меравад. «Ин пайкараи Навоӣ дар таърихи кишварҳои мо воқеаи муҳим хоҳад шуд ва он ба таҳкими минбаъдаи риштаҳои ҳамсоягии нек ба бародарии байни халқҳои ўзбеку қирғиз мусоидат хоҳад кард», – изҳор дошт раиси Шўро.

Дар ҷараёни чорабинӣ ҷамоаи эҷодии Театри академии мусиқии драмавии ба номи Бобури шаҳри Ўш ва ҳунарпешагони Филармонияи давлатии Ўш намоишҳои саҳнавиро бахшида ба ҳаёти Навоӣ пешкаш намуданд, сурудҳои классикиро дар матни ғазалҳои шоири бузург сароиданд.

Бояд таъкид сохт, ки ҷомеа ба кушода шудани пайкараи нави Алишери Навоӣ дар шаҳри Ўш баҳои баланд дод.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри ЎШ.*

---

*Муосирони мо*

# СУҲБАТИ ДАРАИ МОРОН

Бисту панҷ сол пеш ба ин дара ду маротиба омада будам. Он вақт дара чун имрўза ободу зебо набуд. Ҳоло ду тарафи сойро аз сангҳо тоза карда, боғу майдони киштзор барпо намудаанд. Пештар роҳи мошингард ҳам нағз набуд. Аз тирезаи сабукрав ин манзараи зебои табиатро тамошокунон дили бинанда кушода мешавад. Ба мову додарам мавзеи зебое, ки оби сой он ҷо паҳн шуда, дар атрофаш дарахтони бузург соя афкандаанду барои бозии бачаҳо саҳни васеъ дошт, маъқул омад. Барои рухсат гирифтан аз соҳиби боғ аз сабукрав фаромада, ба тарафи хонаи бо сангу хишти пухта сохташуда рафтем.

– Ака, ин мардакро бинед, дар кўҳистон ҳам галстук баста гаштааст, – гуфт тааҷҷубкунон додарам.

– Э-э-э, бародари худамон-ку, – гуфтам баробари дидан хушҳол шуда, – ин кас муаллими забон ва адабиёти тоҷик, эҷодкор Толиб Юнусзодаи Ревдодӣ.

– Номи Ревдодро бори аввал мешунавам, ин кадом қишлоқ?

– Пеш деҳаи ҳозираи Оқмасҷидро Дарвозаи Ревдод меномиданд. Яке аз дарвозаҳои боҷситони шаҳри Самарқанди қадим дар ҳамин ҷо будааст, – фаҳмонидам ба ў.

Баъди салому ҳолпурсии муқаррарӣ бо Толибака ба мақсад гузаштем.

– Ҷой бисёр, дар зери чор тути калон суфа сохтем, дар лаби сой, назди об таги дарахтони бед шинед ҳам мешавад, – гуфтанд Толибака. – Ҳар рўз чандин оила истироҳат карда меравад.

Додарам назди мошинҳо рафт, дере нагузашта садои хурсандии бачаҳо баромад. Мо бо соҳиби боғ назди оби равон, таги дарахти тути балхӣ палосу кўрпача партофта нишастем. Номи Толиб Юнусзода барои онҳое, ки худ эҷодкоранд ё худ ба қадри эҷодкор мерасанд, азиз аст. Хабарнигори фаъол аз зиндагии мардуми заҳматдўст, инсонҳои некдилу худогоҳи вилояти Самарқанд хабару мақолаҳо навишта, ба рўзномаҳо ирсол мекунад.

– Ин ҷо эҷодхонаи ман, – гуфтанд Юнусзода.

– Насиб кунад, ҷойи зўр будааст. Ду тараф кўҳҳои баланди сабзпўш, осмони мусаффо, канори об, ҳатто пеши обро бетон рехта, шаршара сохтаед. Кай боз ин мулки шумо?

– Қиссаи ин дароз, – гўён риши сафеди дарозашонро палмосиданд муаллим. – Баъди истиқлолияти кишвар барои ба омўзгорон ҳам замин додан фармон баромад. Ҳамон вақтҳо раиси хоҷагии «Мароқанд» Толиб Норбоев ҳар бор маро бинад: – Ту ҳам Толиб, ман ҳам Толиб, – мегуфт. – Дигарон ҳар рўз остонаи идораро охурча карда, ҷойи иморат мепурсанд, ту, додарам, омўзгору эҷодкор, мухбири якчанд рўзнома бошӣ ҳам, бепарвоӣ. Хоҳӣ, аз ҷойи хостаат замин медиҳам,– гуфт ў ва ба сармуҳандиси хоҷагӣ Зариф супориш дод.

Бо ду-се намояндаи идораи колхоз хеле ҷойро дидем, маъқул нашуд. Баъд ба ҳамин дара омадем, фасли зимистону атроф барфпўш бошад ҳам, айнан дар ҳамин ҷо барф об шуда сабзаҳо сабзида буданд. «Ягон хислат дорад», аз дил гузаронидаму ҳамин ҷоро интихоб кардам. Сонитар пас аз мушоҳидаҳо донистам, ки ин манзил нўҳ чашма дорад. Бо булдозерҳои колхоз майдонро ҳамвор кунонида, роҳ кушодем. Баъд масолеҳи сохтмон оварда ин суфаву хонаҳоро сохтем. Ниҳолҳо сабзондем.



– Пештар аз ин сой оби бисёре ҷорӣ мешуд, – ҳикоя кард Толибмуаллим. – Ҳў ана, иморати нимкораи блокинро мебинед? То солҳои панҷоҳуми асри гузашта дар ҳамин ҷо боҷхона будааст. Мардум аспакию харсавор ба Самарқанду Қашқадарё аз ҳамин роҳ рафтуомад мекарданд. Дарозии дара 12 километр аст. Солҳои 1940 ин мавзеъ колхози ба номи Сталин будааст. Ин сангҳову дарахтон шоҳиди бисёр воқеаву ҳодисаҳо шудаанд. Сукути ин кўҳсорро дида одам ба андеша меравад. Соли 1995 дар рўзномаи «Комсомолская правда» мақолаи «Тайна илансайского ущеля» чоп шуда буд. Дар дара чор қабристон ҳаст. Болотар аз ин ҷо қабристони асри X воқеъ аст, дар тахтасанги яке аз қабрҳои он навиштаҷот бо ҳуруфи форсӣ аст. Медонед дар ин ҷо кӣ таваллуд шудааст? – ба ман нигоҳ карданд муаллим.

– Не, намедонам, – ҷавоб додам.

– Дар шафати ман боғи Қурбонбобои Янгиарикӣ. Дар як кунҷи ин боғ якчанд қабр ҳаст. Рўзе актрисаи машҳури кино ва санъати ҷумҳурӣ Клара Ҷалиловаро дидам, ки бо оилааш омада буд. Онҳо қабрҳоро зиёрат намуданд. Қурбонбобо аз оятҳои Қуръон тиловат кард, сипас, гўсфанд кушта қурбонӣ карданд. Волидайни ў дар ҳамин ҷо хок шудаанд.

–Толиббобо, мегўям аз ягон маърака рост ҳамин ҷо омадед, ки куртаву шими сафедро иваз ҳам накардед?

– Мо ориёием, сафедҷомагонем, либоси дигар ҳаргиз напўшем, – гўён хандиданд. – Ман ҳамеша мувофиқи хости дил либоси сафед мепўшам. Ба либоси сафед ҳар хел ҳашарот намечаспад ва часпад ҳам, ба чашм зуд аён мешавад.

– Малол наояд, шуморо аксар вақт бо гарданбанди сурх мебинам ва боз аз чандсолагӣ риш доред...

– Ҳама чизро донистан мехоҳед-е, – табассум намуданд Толибака. – Синфи сеюм мехондаму маро ба сафи пионерон қабул накарданд. Аз ин хеле ранҷида, ғамгин шудам. Дар рў ба рўйи мактаб мағоза буду фурўшандааш модарам. Як рўз ба он пионервожатии мактаб Саидмурод Илёсов даромад, ки ман пеши модарам будам. Ин ҳамон Илёсови гулпарвар, ки имрўз синнаш ба сад наздик аст.

– Бийӣ, ана ҳамин муаллим мана сахт хафа карданд, – гуфтам.

– О, бачем, ба шаъни устод ин хел гап гуфтан айб аст. Чаро ин тавр мегўйӣ?

– Маро баробари ҳамсинфонам ба пионерӣ қабул накарданд.

– Муаллимҷон, ҳамин писарама қабул кунед, илтимос, – гуфтанд модарам.

Рўзи дигар муаллим тамоми донишомўзони мактабро саф ороста, танҳо маро ба сафи пионерон ботантана қабул карданд. Аз ҳамон вақт галстуки сурх бароям арзишманд шуда монд. Баъди хатми Донишкадаи давлатии омўзгории Самарқанд ба номи устод Садриддин Айнӣ фаъолиятро дар мактаби рақами 37 ноҳия оғоз кардам. 20 сол сарвари наврасон будам. Ҳамон садоқате, ки ба галстук доштам, ҳанўз боқист, яъне ба хидмати халқу Ватан ҳамеша тайёрам. Аз овони ҷавонӣ риш мондам, ки ба бисёр моҷароҳо сабаб шуд... Оё ҳаҷвияи «Моҷарои риш»-ро нахондаед?..

– Хезед, ба шумо нўҳ чашмаи Ғоибназарро нишон диҳам.

Мо дар болои сангҳои калони даруни об пой монда он тарафи сой гузаштем. Дар таги дарахти беди калон чашмаи обаш соф ҷорӣ буд.

– Ин чашмаи хандон, номи чашмаҳои дигар гирён, махфӣ, равон, зери санг, давон, – гўён ҳамсуҳбати мо дар бораи чашмаҳо маълумоти муфассал доданд ва хеле таърифу тасвир карданд. Аз оби ҳар кадоми онҳо нўшидем, ширину болаззат буданд.

– Толибака, чанд шогирди эҷодкор тарбия кардед? – пурсидам аз муаллим.

– Дар мактаби рақами 37-ум сию ҳафт сол аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дарс додам. Маҳфили «Навқаламон»-ро ба роҳ мондам. Баҳора Хуррамова, Дилфуза Ҳайдарова, Ҷаъфар Ҷабборов, Ҳилола Норбоева, Лола Норбоева, Умеда Расулова, Муҳаббат Тоҳирова, Гулрухсор Мамадқулова барин даҳҳо соҳибистеъдодон шогирдони ҳамин маҳфиланд.

Дар соли Олимпиадаи 1980 воқеаи хурсандиоваре рўй дод, ки ин сафар ба Қрим, ба лагери умумииттифоқии пешоҳангон «Артек» буд. Аз 8-уми август то 8-уми сентябр дар дружинаи «Хрустальный» сарпешоҳанг будам. Дар он ҷо ҳам ба хонандагон аз забони форсӣ дарс гузаштам. Барои тозаву покиза нигоҳ доштани муҳити гирду атроф амалиёти «Шиша»-ро ташкил кардам.

– Ие, ҳоло ҳамкасб гўям, бо шумо ҳамсафар ҳам будаемку, – гуфтам дасти муаллимро фишурда. – Моҳи феврали соли 1982 маро барои бо баҳои аъло хондану талабаи фаъол буданам ба «Артек» фиристода буданд.

– Пас шумо ҳам баҳри Сиёҳ, Ялта, Гурзуф, Севастопол, Симферопол, Алушта, Боғи ботаникиро дидаед. Бовар дорам, ки ҳар ду аз сафари «Артек» бо як ҷаҳон таассурот баргаштаем, ки ин лагери машҳури олам имсол 100-сола шуд.

– Оре, вале дар ин бобат дафъаи дигар, – гуфтам ба муаллим.

Ҳоло суҳбат боқӣ.

Бо муаллим хайру хуш кардем. Толиб Юнусзодаро бисёр солҳо боз шиносам ҳам, ягон бор чун имрўз аз таҳти дил суҳбат накарда будем. Ў воқеан шахси некдилу меҳрубон, ҳалиму хоксор, хуштабъу суҳбатооро будааст.

Накҳати гулҳои худрўйи баҳорӣ, чашмаҳои сероб, кўҳҳои сарбаланди Илонсой ба Толибака илҳом бахшидаанд, ки дар таърифи ин макони куҳанбунёд шеъру ғазалҳо гўяд. Ў даъвои шоирӣ надорад, вале бо ҳисси меҳанпарастӣ, садоқат ба Ватан ва обу хоки сарзамини бостонӣ, нахустин маҷмўаи худро таҳти унвони «Оҳанги зиндагӣ» соли 2006 ба нашр расонид. Китоби дуюмашро бо номи «Толиби зиндагӣ» танҳо соли 2021 дастраси мухлисон гардонд.

Айни замон дар ҳалқаи панҷ фарзанд ва зиёда аз 35 набераву абера бо ҳамсари меҳрубонаш Моҳира Раҳматова даврони пирӣ меронад ва пайваста ба эҷод машғул аст.

Ба муаллими эҷодкор сиҳҳативу хонаободӣ ва илҳоми илоҳӣ тамано дорем.

**Комил ҶЎРАЗОДА,**
*вилояти САМАРҚАНД.*

---

*Азуса ШИРАИШИ:*

# ЎЗБЕКИСТОН КИШВАРИ ЗЕБОЕСТ, КИ ДАР ОН ЁДГОРИҲОИ МЕЪМОРӢ ҲИФЗ МЕШАВАНД

***Сайёҳ ва нависандаи шинохтаи Ҷопон дар бораи Осиёи Марказӣ китобе иншо кард.***

Сайёҳ ва нависандаи шинохтаи Ҷопон Азуса Шираиши дар китоби худ «Саёҳат дар саросари Осиёи Марказӣ» ба Ўзбекистон ва Осиёи Марказӣ назари тоза дўхтааст.

Китоб аз ҷониби нашриёти «Tatsumi Publishing»-и Ҷопон чоп шуд ва аллакай дар Ҷопон боиси рағбати зиёд гардид, дар он оид ба фарҳанг, таърих ва имрўзи минтақа, ба хусус Ўзбекистон муфассал ҳикоя карда мешавад.

Алҳол расонаҳои ахбори оммавии Ҷопон, аз ҷумла нашриёҳои махсус китобро ҳамаҷониба баррасӣ мекунанд ва муаррифии онро баргузор менамоянд, хонандагонро бо назари тоза нисбати Осиёи Марказӣ шинос месозанд.

Дар асоси китоб таассурот ва андешаҳои шахсии муаллиф, ки ба саёҳаташ дар саросари минтақа дахл дошта, он бо дастгирии Кумитаи оид ба сайёҳии Ўзбекистон соли 2023-юм ба вуқўъ пайвастааст, ҷой доранд. Азуса Шираиши Қазоқистон, Ўзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Тоҷикистонро зиёрат карда, саъй намудааст, ки фикру мулоҳизаҳои хешро нисбати ҳар кадом мамлакат иброз намояд.

Муаллиф дар муқаддимаи асари худ менависад: «Ҳар кадоми ин панҷ давлат, бо вуҷуди ҷавониашон дар арсаи ҷаҳонӣ, симои нодири худро доранд. Қазоқистон ин кишвари даштҳои васеъ ва дорои захираҳои зиёди нафт мебошад. Ўзбекистон мамлакати зебоест, ки дар чорроҳаи Шоҳроҳи абрешим қарор дорад, дар он ёдгориҳои нодири меъморӣ эҳтиёткорона ҳифз карда мешаванд. Қирғизистон диёри кўҳӣ буда, дар он чорвопарварӣ инкишоф ёфтааст, мамлакат анъанаҳои зиндаи маданияти кўчиро ҳифз менамояд. Туркманистон давлатест, ки саҳроҳои васеъ дорад, дорои захираҳои зиёди гази табиӣ мебошад. Дар минтақаи мазкур, ки халқҳои туркӣ зиёданд, танҳо Тоҷикистон дорои аҳолие мебошад, ки ба забони форсӣ ҳарф мезананд».

Дар китоб ба Ўзбекистон ва шаҳрҳои он Тошканд, Самарқанд, Бухоро ва Хива эътибори махсус дода шудааст. Азуса Шираиши Хиваро «Дурдонаи Шоҳроҳи абрешим» меномад ва ҷойҳои дидании он, аз ҷумлаи Ичан-Қалъа, манораҳои Ислом-Хоҷа, Кўҳна-Арк ва Калта-Манорро бо эҳсоси таҳайюр таърифу тавсиф менамояд.

Муаллиф нафақат меъмории назаррабои Хива, балки меҳмоннавозии самимии сокинони маҳал, истифодаи фаъоли технологияҳои замонавиро аз ҷониби куҳансолон, ҳамчунин ғановати таомҳои миллиро зикр намудааст.

Азуса Шираиши дар асараш таъкид менамояд, ки дар Ҷопон маълумот нисбати Осиёи Марказӣ ва ба хусус нашриёҳое, ки минтақаро ҳамаҷониба муаррифӣ намоянд, хеле кам ба назар мерасанд. Вай умед мекунад, ки асари ў дар байни ҷопониён рағбати зиёд пайдо мекунад ва ба рушди сайёҳӣ, ҳамчунин мубодилаи фарҳангии байни Ҷопон ва Осиёи Марказӣ саҳми муносиб мегузорад.

Китоби «Саёҳат дар сар то сари Осиёи Марказӣ» аз 208 саҳифа (ба ҷойи 144, ки аввал ба нақша гирифта шудааст) иборат буда, дорои маводи фарогир ва ғанӣ мебошад. Дар асар ҳикояҳои рағбатовар оид ба таърих, фарҳанг, анъана, таомҳои миллӣ, мулоқот бо сокинони маҳаллӣ ва таассуроти шахсии муаллиф аз саёҳат гирд омадаанд.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри ТОКИО.*

---

***Бо дастгирии Консулгарии генералии мамлакатамон дар байни масъулини Китобхонаи миллии Ўзбекистон ба номи Алишер Навоӣ ва Китобхонаи шаҳри Гуанчжоу мулоқоти онлайн баргузор гардид.***

# ДАР КИТОБХОНАИ ГУАНЧЖОУ ГЎШАИ «АДАБИЁТИ ЎЗБЕКИСТОН» ТАШКИЛ МЕГАРДАД

Роҳбари хидмати равобити байналмилалии Китобхонаи миллии Ўзбекистон Гулбаҳор Қобулҷонова дар бораи таърихи китобхона, имкониятҳо ва корҳо дар самти ҳамкориҳои байналмилалӣ маълумот дод. Нақшаҳои умедбахш, ки дар оянда мумкин аст бо китобхонаи шаҳри Гуанчжоу амалӣ шаванд, таъкид гардид.

Намояндагони Чин аҳамияти рушди робитаҳои дуҷониба ва табодули таҷриба дар соҳаи донишҳои муосир, технологияҳои пешрафта ва ҳалли инноватсионӣ дар соҳаи китобхонаро таъкид намуда, омодагии худро барои имзои созишномаи ҳамкорӣ бо ҷониби Ўзбекистон изҳор карданд.

Дар анҷоми мулоқот аз рўйи ташкили гўшаи «Адабиёти Ўзбекистон» дар маркази «Multiculture Library»-и китобхонаи Гуанчжоу ва гузаронидани намоишгоҳҳо бахшида ба мероси ғании фарҳангию таърихии кишварамон ва ҳаёту фаъолияти ниёгони бузурги мо ба мувофиқа расиданд.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри ГУАНЧЖОУ.*

---

# МАТЕМАТИКҲОИ ҶАВОН ДАР СИНГАПУР 16 МЕДАЛ БА ДАСТ ОВАРДАНД

Дар Сингапур марҳилаи ниҳоии Олимпиадаи байналмилалии математика бо номи «Singapore International Math Olympiad Challenge» (SIMOC – 2025) баргузор гардид.

Дар ин мусобиқаи бонуфуз 45 нафар ҷавонони боиқтидори мо шарафи ватанамонро муносиб ҳимоя карданд. Онҳо аз марҳилаҳои интихобии миллӣ бомуваффақият гузашта, дар баҳсҳои шаклҳои ғайриодӣ чун «Mind Sports» ва «Math Warriors» донишу заковати хуби худро намоён карданд.

Хурсандиовар аст, ки дар даври ниҳоӣ математикҳои ҷавони Ўзбекистон 4 медали тилло, 3 нуқра ва 9 биринҷӣ ба даст оварданд. Инчунин, 13 нафар намояндагони мо бо дипломҳои ҳавасмандкунанда ва 30 нафар барои иштироки фаъолона дар олимпиада бо сертификатҳои махсус сарфароз гардиданд.

Дар чорабиние, ки барои мукофотонидани ғолибону ҷоизадорони олимпиада ташкил гардид, созмондиҳандагони «SIMOC» ба омодагӣ ва иштироки ҳайати кишвари мо баҳои баланд дода, ҷиҳати баррасии масъалаи дар оянда баргузор намудани марҳилаи муайяни ин Олимпиадаи байналмилалӣ дар Ўзбекистон омодагии худро изҳор намуданд.




**АИ «Дунё»,**
*СИНГАПУР.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ
Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-728.
Адади нашр 3689. Ҳаҷм 2 чузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: Т. Тўхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тўхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.